Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, кӯчаи
Нахимов 64/14, www.tgfeu.tj.

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи давлатии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асоев Муфараҳ Мазориддинович ба диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи «Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. **Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Диссертатсияи таҳқиқотнамудаи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи «Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" аз муайян кардани рушди сохторҳои ҳамгирошудаи минтақаҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон иборат аст, ки барои зиёд шудани дастрасии имконияти бештари бозорҳои кишвар бо маҳсулоти хушсифат ва хуб шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд ва таҳияи механизмҳои баҳодиҳии минтақаҳои агросаноатиро ҷиҳати муайян кардани эҳтиёҷоти оптималии истеҳсолкунандагонро ба истеҳсолот дар бар мегирад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ масъалаҳои ташкили кластерҳои агросаноатӣ ҳамчун масъалаи калидӣ муайян гардида, дар марҳилаи дуюм татбиқи ҳаматарафаи он пешбинӣ шудааст. Рушди истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни афзалиятноки иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯ ва роҳҳои истифодаи самараноки шаклҳои нави фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидориро тақозо мекунад.

Равандҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар иқтисоди бозаргонӣ ҳамчун як низоми мураккаб инкишоф ёфта, муносибатҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ (замин, моликият, мубодила ва тақсимот)-ро дар бар мегиранд, ки механизми танзими ин муносибатҳоро талаб мекунанд. Рушди равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ бо зарурати таъмини ягонагии техникӣ, технологӣ, ташкилию-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва муттасилии марҳилаҳои ба ҳам алоқаманди истеҳсолот, харид, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст. Дар шароити бозор ва алалхусус, дар давраи бухрони иқтисодӣ, ҳангоми афзоиши рақобатнокӣ ва мутобиқшавии рушди сохторҳои ҳамгироишудаи

агросаноатӣ беҳтарин шакли коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дониста шуданд. Вобаста ба ин ҳолатҳо, мавзуи интихобшудаи кори диссертатсионии унвонҷӯй дар вазъи кунунии соҳаи агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва мувофиқ мебошад.

Дар раванди ҳалли масъалаҳои илмии гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ, коркарди пешниҳодҳои илмию амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳо ва усулҳои мукаммалгардонии комплекси агросаноатӣ рӯи корояд. Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳӣ илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иктисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи комплекси агросаноатии минтакаҳо ва комбинатсияҳои самаранокии коркарди маҳсулотҳои агросаноатӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

**2.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дастовардҳои илмии дар диссертатсия дарҷ гардида ба сарҳатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад: 1.5. Трансформатсияҳои ҳудудӣ-иктисодӣ; муаммоҳои ташаккулёбии ҳудуди ягонаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иктисодӣ; ҳамгироии ҳудудӣ ва дезинтегратсияи мамлакат; 1.9. Баҳодиҳии накши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои трансформатсияи он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.19. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудии инкишофи кишоварзӣ.

Шиносои бо диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи тадкикот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба мавзӯи тадқиқот ва мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошта ҷамъоварӣ намуда, коркард ва таҳлил намудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба

ва пешниҳоди амалии натиҷаҳо оид ба такмили онҳо дар сатҳи минтақа зоҳир мегардад, ки онро унвонҷӯ дар 7 пункти навгониҳои диссертатсия ба таври мукаммал нишон додаст, ки воқеан онҳо навгонӣ ва муваффақиятҳои Бобошерзода Н. Қ мебошанд.

**Дар боби якум** "Асосҳои ташкилӣ - методологии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ" ба моҳият, аҳамият ва инчунин омилҳои асосии таъсиррасонанда ба рушди сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ бахшида шуд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки механизмҳои ташаккулёбии асосҳои методии равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатӣ таҳқиқ карда шуда, принсипҳо ва нақши онҳо дар иқтисодиёт ошкор карда шудаанд. Аз ин лиҳоз таҳқиқоти анҷомдодаи мо пурра фарогири масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, ки он яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бояд тавассути такмили механизми ҳамгироии агросаноатӣ ба даст оварда шавад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки барои ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Дурнамо ва ҳадафи асосӣ барои давлат ин ташкили ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ мебошад ва дар ин замина ҳамгироии агросаноатиро метавон ба қатори омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти минтақа мансуб кард. Аз ин рӯ, омӯзиши иқтисодии хусусиятҳо, мундариҷа ва шаклҳои ташкилии он зарур аст. Натиҷаҳои ҳар як таҳқиқот бояд ба ҳалли амалии масъалаҳои ташаккули сохторҳои ҳамгирошудаи минтақавӣ дар шароити муосири бозор мусоидат кунанд. Муаллиф механизми рушди муносибатҳои кооперативӣ ва интегратсионро, ки бо таркиби унсурҳо ва низоми муносибатҳои байни иштирокчиёни воҳидҳои ҳамгирошуда тавсиф мешавад, дараҷаи ҳадди ҳамоҳанг, мавқеи устувор, рақобатпазирӣ, баробарии кафолатноки мубодила ва тақсимот, таҷдиди мутаносиби захираҳо нишон додааст. Ба тавсифи системаи муносибатҳо ва фаъолияти муштараки иштирокчиёни сохторҳои ҳамгироӣ, шарти хосияти сохтории механизми рушди муносибатҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ диққати махсус додааст.

**Дар боби дуюм** - «Таҳлили заминаҳои ташаккулдиҳии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ», таҳлили вазъи муосири тамоюли рушди комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, рушди рақобатпазирии комплекси агросаноатии минтақавӣ, самаранокии он ва ташаккули сохторҳои минтақавии ҳамгироигардидаи агросаноатӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки рушди комплекси агросаноатӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мустақиман таъсир мерасонад, ки ба зарурати таъмини ғизо барои ҳаёт ва такрористеҳсоли қувваи корӣ, истеҳсоли ашёи

хом барои истеҳсоли бисёр намудҳои молҳои ғайриистеъмолӣ ва саноатӣ вобаста аст. Аммо, масоили рушди соҳаи КАС кишвар аз ҳалли пурраи ин мушкилотҳо дар ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ вобаста мебошад. Баҳодиҳии самаранокии иқтисоди миллӣ нишондиҳандаҳои мушаххас зарур дониста, дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути барномаҳои аз ҷониби Вазоратҳои он коркардшуда барои обод гардонидани тамоми минтақаҳои кишварамон бо роҳи бунёди деҳаҳо ва ҷамоатҳои нав, бунёди корхонаҳои агросаноатӣ, босубот фаъолият кардани онҳо ва соҳиби ҷойи кори доимӣ гардидани аҳолӣ, зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши коркарди саноатии он, бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти воқеии кишвар мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Дар боби сеюм** - «Механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон», модели дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардидаи системаи идоракунии комплекси агросаноатии минтақа барои қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои муҳимтарини рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақа намоиш дода шудааст. Муаллиф механизми танзими давлатии муносибатҳои ҳамкориҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатиро сохтори мураккаб дониста, муносибати ҳамаҷонибаро барои ошкор кардани гуногуншаклии муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии иштирокчиёни сохтори ҳамгиро ҳатмӣ донистааст. Дар диссерстатсия оварда шудааст, ки татбиқи танзими давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо механизмҳои худтанзимкунӣ дар бозор бояд ҳамчун вазифаи муҳимтарини муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии сохторҳои ҷудошуда бо мақсади роҳ додани маҷмӯи агросаноатӣ аз буҳрони кунунии иқтисодиву иқтисодӣ ба масири рушди дарозмуддати устувор нигаронида шавад.

**4. Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия**

Андешаҳои назарявии муаллифи диссертатсия дар густаришу рушди назарияи мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгироишудаи минтақавии агросаноатӣ метавон саҳмгузор гардад. Пешниҳодҳои муаллиф метавонад аз ҷониби мақомотҳои дахлдори давлатӣ дар мавриди такмили сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ истифода гарданд. Баъзе ҷиҳатҳои диссертатсия метавонанд барои татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии рушди комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ мусоидат намояд. Пешниҳодҳои ҷудогонаи муаллиф ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатиро дар минтақаҳо ба роҳ монда, истифодаи самаранок ва оқилонаи коркарди маҳсуоти агросаноатиро таъмин намоянд. Ҳамаи ин ба афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ оварда, боиси баланд шудани сатҳи даромади корхонаҳои

сохторашон ҳамгироигардида, боиси кам кардани шумораи бекорон, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии деҳот хоҳад гардид.

**5. Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомшуда дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати аграрӣ, интишороти олимони ватанию хориҷӣ, нашрияҳои даврӣ оид ба соҳаи КАС, ҳамчунин, асарҳои илмии классикони назарияи иқтисодӣ, иқтисодчиёни хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ омода гардидааст. Таҳқиқоти анҷомдодаи мо бо назардошти санадҳои меъёрӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳамгироии агросаноатӣ дар вилояти Хатлон гузаронида шудааст.

**6.Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертстия**

Албатта, таҳқиқотҳои диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳӣ аст, ки умуман наметавонад сифати илмӣ ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Ба сифати тавсияҳо метавон мавридҳои зеринро махсус ҷудо намуд:

1.Сифати кор беҳтар мегардид агар унвонҷӯ мавзуи баррасишавандаро аз нуқтаи назари мушкилотҳои соҳавӣ дар як параграфи алоҳида мавриди баррасӣ қарор медод;

2. Дар диссертатсия, саҳифаи 112 ҷадвали 2.1.1. самаранокии иқтисодии хоҷагии зотпарварии “Саодат”-и ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2020 оварда шудааст, аммо ҷадвали мазкур инъикоскунадаи самараноки буда наметавонад. Хуб мешуд, ки муаллиф самаранокиро бо таври дақиқ маълум менамуд;

3. Вобаста ба зарурат ва талаботҳои матни рисола беҳтар мегардид такмили механизми ҳамгироии агросаноатии минтақа ба таври бояду шояд таҳқиқ гардида дар натиҷаи он хулосаи мушаххас бароварда мешуд;

4. Ба назари мо, муаллиф мебоист, ки дар ҷамъбасти ҳар як боби диссертатсия хулосаҳои худро иброз менамуд ва вобаста ба натиҷаҳои бадастовардашуда роҳҳои ҳали масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор медод.

Чунин камбудиҳои овардашуда бештар хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба фикри мо, аҳамияти илмӣ ва амалии кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшударо кам ва дараҷаи мусбии онро паст намекунанд.

**7. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Маводи интишорнамудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдодашударо дар худ инъикос намудаанд. Аз

рӯи натиҷаҳои тадқиқот мақолаҳои илмӣ дар маҷалаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудаанд. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи он аз тарафи муаллиф дар чорабиниҳои илмии сатҳи мухталиф, аз ҷумла дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ дар солҳои 2012-2020 маърӯза шуда, инчунин дар семинарҳо ва конференсияҳои дохилии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ муаррифӣ шудаанд.

**8. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертстиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой дода шудааст.

**Хулосаи умумӣ.** Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсияи пешниҳодгардидаи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи “Мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгироишудаи минтақавии агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” бешубҳа кори илмию тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳимму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ дорост, комилан ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Бобошерзода Нозанин Қарақул сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии**
**Академияи давлатии идоракунии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Асоев Муфараҳ Мазоридинович**

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, info@apa.tj, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Саид Носир,.33. Тел.: +992 (37) 224-17-86**

**Имзои н.и.и., дотсент Асоев Муфараҳ-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва**
**корҳои махсуси Академияи идоракунии**
**давлатии назди Президенти Ҷумҳурии**

**Ҳамидов Шорух Бозорович**